«Тасдиқ мекунам»

Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор

________ Гулназарзода Жило Бурӣ

«_6_» январи соли 2023

# ХУЛОСАИ

**кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич дар мавзуи «Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 –Таърихи адабиёт, равобити адабӣ)**

Диссертатсия дар мавзуи «Илё Абумози ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём» дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба анҷом расидааст.

Сайфуллоев М. Ҳ. аз моҳи сентябри соли 2017 доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ)-и Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) мебошад. Аз моҳи сентябри 2020 ба ҳайси омӯзгори кафедраи филологияи Шарқи Наздики Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолият дорад. Ӯ соли 2015 факултети забонҳои Шарқи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон



Сканировано с CamScanner

ба номи Сотим Улуғзода)-ро хатм карда, дорандаи дипломи дараҷаи бакалаврӣ аз рӯйи ихтисоси «тарҷумони забони арабӣ» гардид.

Соли 2017 шуъбаи магистратураи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода)-ро хатм намуда, соҳиби дипломи аълочии дараҷаи магистр аз рӯйи ихтисоси «забон ва адабиёти тоҷик» гардид. Сайфуллоев М. Ҳ. соҳиби маълумотнома (№132, 2019, ДДЗТ) дар бораи супоридани имтиҳонҳои доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 –Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) мебошад.

Роҳбари илмӣ, доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ - Восиева Рухшона Қурбоновна.

Мавзуи диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи Шурои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло) Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода санаи 26.10 2017, таҳти карори №3/4-3 тасдиқ шудааст.

Аз муҳокимаи дисертатсия дар ҷаласаи кафедраи чунин хулоса бароварда шуд:

Диссертатсияи мавриди назар бори аввал дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) аз 30.08.2021, №1 мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Бинобар сабаби тағйирот ворид шудан дар низоми дарёфти дараҷаҳои илмӣ диссертатсия бори дигар дар робита ба нишондоди «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, зарурати бори дигар муҳокима намудани онро ба миён овард.



Сканировано с CamScanner

Диссертатсияи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 –Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) Сайфуллоев М.Ҳ. дар илми адабиётшиносии тоҷик ва равобити адабӣ мавзуи наву мубрам буда, ҷамъоварӣ, таҳлил ва таҳқиқи таъсирпазирии Илё Абумозӣ аз рубоиёти Умари Хайёмро дар бар мегирад.

**Мубрамияти мавзуъ** дар он зоҳир мегардад, ки адабиётшиносони муосир ба омӯзиши равобити адабӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардаанд.

Аҳамияти мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқи ҳаёт ва эҷодиёти Илё Абумозӣ, Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём ва омӯзиши Умари Хайёмро дар кишварҳои арабӣ кушоду равшан возеҳ менамояд.

**Мақсади таҳқиқ.** Ҳадафи рисола таҳқиқи масъалаҳои таъсир ва таассури адабӣ, дар мисоли осори шоири маҳҷарӣ Илё Абумозӣ ва «Рубоиёт»-и Умари Хайём аст.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Бо дарназардошти густардагии мавзуъ, ки дар адабиётшиносии тоҷик бори нахуст мавриди таҳқиқ қарор мегирад, ба ҳаллу фасли вазифаҳои мушаххаси зерин саъй карда шудааст:

- баррасии вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-адабии замони зиндагии Илё Абумозӣ;
- таҳқиқи аҳволу осори Илё Абумозӣ ҳамчун намояндаи барҷастаи адабиёти «Маҳҷар»;
- муайян кардани ҷойгоҳи Илё Абумозӣ дар зуҳур, шаклгирӣ ва таҳаввули адабиёти «Маҳҷар»;
- таҳқиқи раванди таъсири адабиёти форсии тоҷикӣ, аз ҷумла навъи рубоӣ дар мисоли рубоиёти Умари Хайём ба адабиёти араб;
- таҳлили муқоисавӣ, сабкӣ ва хусусиятҳои адабии рубоиёти Хайём ва ашъори Илё Абумозӣ;
- баррасии муқоисавии қасидаи «Талосим»-и Илё Абумозӣ ва таъсири андешаҳои Хайём ба он;



Сканировано с CamScanner

- муайян кардани таъсири афкори фалсафӣ, риндӣ, майгусорӣ ва озодандешии Умари Хайём ба ашъори Илё Абумозӣ;
- таъйини нақши рубоиёти Умари Хайём ва таҳаввули ҷараёни романтизм дар адабиёти асри XX араб;
- баррасӣ ва ташхиси зуҳуроти суннатҳои адабӣ ва фарҳангии форсии тоҷикӣ дар адабиёти муосири араб.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ .** Диссертатсия дар асоси методи муқоисавӣ-таърихӣ ва таҳлили таърихӣ-типологӣ таълиф шудааст. Асосҳои назариявии диссертатсия ба дастовардҳои илмии донишмандони ховаршинос ва адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, ба монанди Ҷ. Зайдон, Ш. Зайф, М. Ас-Сибоӣ, Ҷ. аз-Заҳовӣ, А. Ан-Наҷафӣ, А. Ромӣ, Ян Рипка, И. Ю. Крачковский, Кримский, З. Сафо, С. Нафисӣ, А. Зарринкӯб, С. Ҳидоят, А. Мирзоев, А. Афсаҳзод, М. Султонзода, Қ. Восеъ, М. Муллоаҳмадов, Т. Мардонӣ, С. Муҳаммад, Б. Ас-Содот Ҳиҷозӣ ва дигарон бунёд ёфтааст.

**Навовариии илмии таҳқиқ** . Дар қисмати аъзами пажӯҳишҳое, ки ба масъалаҳои мубрами арабшиносӣ марбутанд, асосан таъсири адабиёти араб ба адабиёти форсии тоҷикӣ ба мушоҳида мерасанд. Аммо мавзӯи таҳқиқи мо баръакси он, яъне таъсири афкору орои адабиёти форсии тоҷикӣ ба адабиёти араб буда, нисбатан кам омӯхта шудааст ва аз ҷумлаи навовариҳои рисолаи мазкур мебошад. Бар ин мабно, дар рисола бори аввал дар адабиётшиносӣ ва шарқшиносии тоҷик масъалаи таҳқиқи густардаи таъсири рубоиёти Умари Хайём ба эҷодиёти Илё Абумозӣ, омӯзиши рӯзгору фаъолияти эҷодии Илё Абумозӣ, ҷойгоҳи адабии ӯ дар зуҳур, шаклгирӣ ва таҳаввули адабиёти «Маҳҷар», авҷ гирифтани ҷараёни романтизм дар адабиёти муосири араб ва таъсири афкору орои намояндагони адабиёти форсии тоҷикӣ, ба вижа Умари Хайём дар фарҳангу маънавиёти араб ҳамаҷониба таҳқиқу баррасӣ гардидааст.

**Дараҷаи эътимоднокии** натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи мавриди назар дар асоси маводи ғании назариявию амалӣ



Сканировано с CamScanner

таҳлилу баррасӣ шуда, бо нуктаҳои мушаххаси методологӣ, маводи гуногунҷанбаи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтор, мақсаду вазифаи таҳқиқ асос ёфта, боиси ба таври мукаммал таҳқиқ гардидани Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём гардидаст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар адабиётшиносӣ ва шарқшиносии тоҷик масъалаи таъсирпазирии Илё Абумозӣ аз ашъори Умари Хайём ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор гирифта, нақду баррасии маводи фаровони илмию адабӣ вобаста ба фаъолияти Илё Абумозӣ фароҳам оварда шудааст.

Мазмуни асосии диссертатсия дар 4 мақолаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии ба феҳристи КОА назди Президенти ҶТ ва КОА Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия воридбуда ва 6 мақолае, ки дар дигар маҷаллаҳо ба табъ расидаанд, баён шудааст.

**А) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд:**

**[1-М].** Сайфуллоев, М. Ҳ. Илё Абумозӣ шоири барҷастаи "Маҳҷар" / М. Ҳ. Сайфуллоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2018. - №1/73. – С. 144-147. ISSN 2219-5408.

**[2-М].** Сайфуллоев, М. Ҳ. Нигоҳе ба омӯзиши Хайём дар кишварҳои арабӣ / М. Ҳ. Сайфуллоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.- 2018.- №5-1(77). - С.173-178. ISSN 2219-5408.

**[3-М].** Сайфуллоев, М. Ҳ. Таҳаввули маонии рубоиёти Умари Хайём дар қасоиди Илё Абумозӣ / М. Ҳ. Сайфуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2020. - №4. - С. 211-216. ISSN 2413-516X

**[4-М].** Восиева, Р.Қ., Сайфуллоев, М. Ҳ. Эҷодиёти Илё Абумозӣ ва хусусиятҳои он / Р. Қ. Восиева, М. Ҳ. Сайфуллоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.- 2022.- №6- (101). - С.143-158. ISSN 2219-5408.

**Б) Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои дигар чоп шудаанд:**



Сканировано с CamScanner

**[5-М].** Сайфуллоев, М. Ҳ. Ашъори иҷтимоии Илё Абумозӣ / М. Ҳ. Сайфуллоев // Паёми Донишкадаи забонҳо. - 2016. - №3/23. - С. 89-93. ISSN 2226-9355

**[6-М].** Сайфуллоев, М. Таъсири Рубоиёти Умари Хайём ба адабиёти муосири араб дар мисоли эҷодиёти Илё Абумозӣ / М. Сайфуллоев // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами забон ва адабиёти Шарқ». - Душанбе, 2019. - 248 с. - С. 225-231. ISSN 978-99975-557-6-4

**[7-М].** Сайфуллоев, М., Қобилов, Ф. Озодандешӣ дар шеъри Илё Абумозӣ ва рубоиёти Умари Хайём / М. Сайфуллов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Филологияи Шарқ дар масири фарҳанг ва тамаддунҳо». - Душанбе, 2020. - 542 с. - С. 398-403. ISSN 978-99975-68-22-9

**[8-М].** Сайфуллоев, М. Сухане чанд пиромуни таъсири рубоиёти Умари Хайём ба адабиёти муосири араб / М. Сайфуллоев // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Нақши Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тарбияи кадрҳои омӯзгорӣ ва рушди низоми маориф». - Душанбе, 2021. - 439 с.- С. 353-357. ISSN 978-99985-54-42-9

**[9-М].** Восиева, Р., Сайфуллоев, М. Бозтоби маонии рубоиёти Умари Хайём дар қасидаҳои Илё Абумозӣ / Р. Восиева, М. Сайфуллоев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Заминаҳои ривоҷу ташаккули филологияи араб дар ҷаҳони муосир». - Душанбе, - 2021. - 235 с.- С. 43-50.

**[10-М].** Сайфуллоев, М. Маълумоти мухтасар доир ба пайдоиши адабиёти "Маҳҷар" / М. Сайфуллоев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба 75-умин солгарди доктори илмҳои филологӣ, профессор Мардони Нуриддин Тоҷиддин дар мавзуи «Масоили мубрами арабшиносии тоҷик». - Душанбе, 2022. - 473 с.- С. 300-310. ISSN 978-99975-51-08-5



Сканировано с CamScanner

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич дар мавзуи «Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) барои ҳимоя тавсия мегардад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 27 - декабри соли 2022, № 5 қабул гардидааст.

**Дар ҷаласа 18 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ:** «тарафдор» – 18 нафар, «зид» – нест, «бетараф» –нест.

**Раиси ҷаласа, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода** **Шамсов Н. С.**

**Котиби ҷаласа, н.и.ф., дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода** **Боев Ш. Э.**

**Имзоҳои Н.С. Шамсов ва Ш. Э. Боев-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода** **Юсупова Б. Ғ .**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ба номи СОТИМ УЛУҒЗОДА

**Суроға: 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Ф.Муҳаммадиев 17/6., тел.(+992915480377)232-50-00;E-mail:shamsov1960@mail.ru.**



Сканировано с CamScanner